Муаллиф: "Миллат"
02.04.2014 21:06

Мухаммадкасим Фахим, ки дар даврони хукумати Хомиди Карзай, ба олитарин рутбаи низомӣ-маршалӣ-расид, ба дунболи кушта шудани Ахмадшохи Масъуд фармондори аршади чабхаи муттахиди зиддитолибон шухрати бештаре ёфт.
Фахим пас аз он ки Ахмадшохи Масъуд дар як хамлаи интихорӣ кушта шуд, рахбарии нерӯхои мучохидинро дар мубориза алайхи Толибон ба ухда гирифт ва накши мухимме дар фурӯпошии режими Толибон бо химояти хавоии чангандахои амрикоӣ бозӣ кард.
Мухаммадкасими Фахим пас аз фурӯпошии Толибон низ дар сахнаи сиёсии Афгонистон хамвора хузур дошт, ба истиснои панч соли аввали раёсати чумхурии Хомиди Карзай, ки ба далели хузур дар давлат натавонист накши худро ба шакли фаъол хифз кунад.
Касими Фахим, дар соли 1336-и хуршедӣ дар рустои Умрази вилояти Панчшер ба дунё омад.
Ӯ омӯзишхои ибтидоиро дар зодгохаш фаро гирифт ва барои омӯзиши олӣ ба Кобул рафт ва дар риштаи хукуки исломӣ дарс хонд.
Маршал Фахим пас аз кудатои хати саври 1357 ва мухолифат бо хукумати тахти химояти Шӯравии собик дар Афгонистон, ба Покистон сафар кард. Пас аз икомати кӯтохмуддатдар Покистон, дубора ба Афгонистон баргашт ва бо гурӯххои мучохидин, бавижа дар канори Ахмадшох Масъуд, мухолифатхои мусаллахонаи худро алайхи хукумат огоз кард.
Касими Фахим фармондехии бахше аз нерӯхои мучохидинро ба ухда гирифт ва дар солхои баъд низ хавзаи фармондехии худро густариш дод. Мухаммадкасими Фахим дар ин солхо накши мухимме дар танзими гурӯххои мучохидин дар вилояти Бадахшон, Баглон, Тахор ва Кундуз бозӣ кард.
Пас аз фурӯпошии хукумат ва пирӯзии гурӯхи мучохидин, Фахим хамрох бо нерӯхои чиходӣ дар соли 1371 вориди Кобул шуд. Ӯ дар давлати мучохидин ба рахбарии Бурхониддин Раббонӣ ухдадори вазорати амният шуд.
Ба дунболи тасаллути гурӯхи Толибон ва тасарруфи пойтахти Афгонистон аз сӯйи ин гурӯх, Фахим барои муддати кӯтохе фармондехии гурӯххои чиходиро дар чанг алайхи Толибон дар шимоли Афгонистон ба ухда гирифт.
Пас аз марги Масъуд, танзим ва истихкоми гурӯххои чиходӣ дар мубориза алайхи Толибон ба як чолиши аслӣ барои Фахим табдил шуд, аммо ба дунболи фурӯпошии гурӯхи Толибон ва баргузории ичлоси Бонн, Фахим ба унвони муъовини аввали давлати муваккат ва вазири дифоъи Афгонистон таъйин шуд.
Хомиди Карзай, раиси чумхурии Афгонистон дар нахустин интихоботи раёсати чумхурӣ Фахимро аз муъовинати худ канор зад ва ба чойи ӯ Ахмадзиё Масъуд, бародари Ахмадшохи Масъудро ба унвони муъовини аввали худ муъаррифӣ кард.
Ин икдом, ки барои бисёре гайримунтазира буд, равобити миёни Фахим ва раиси чумхури Карзайро тира кард, то чое, ки Фахим гуфт: "Хомиди Карзай дигар харгиз аз мучохидин химоят нахохад дид."
Дар панч соли раёсати чумхурии Карзай, Маршал Фахим гӯшанишинӣ ихтиёр кард, аммо хар аз гохе аз хукумати Карзай ба хотири ончи ки ӯ канор задани мучохидин аз кудрат мехонад, башиддат интикод мекард.
То ин ки Хомиди Карзай дар интихоботи дувуми раёсати чумхурӣ як бори дигар ба суроги Фахим рафт ва ӯро бори дигар ба унвони муъовини худ дар интихобот муъаррифӣ кард.

Ӯ дар панч соли гузашта муъовини аввали раёсати чумхурии Афгонистон буд ва рӯзи 9 март аз дунё даргузашт ва дар Кобул ба хок супурда шуд.

Ёддошти “Точикам”: Даргузашти Мухаммадкасим Фахим, яке аз точикони номдори Афгонистон барои хама точикони ин кишвар ва чахон талафоти сангин аст. Окои Фахим чанд рӯз пеш аз падруд гуфтанаш бо ин чахони фонӣ пуштибонии худро аз доктор Абдуллохи Абдуллох дар маъракаи интихоботии раёсати чумхурӣ эълон карда буд... Баъзе нашрияхои точикони кишвар махз ин мавкеъгирии моршолро сабаби марги ӯ гуфтанд ва бо такя ба ин нукта, ки пас аз марг часади муовини аввали раиси чумхури кишвар бидуни муоинаи тиббӣ зуд ба хок супорида шуд, бар инанд, ки ӯро душманони миллати точик захр дода ба халокат расониданд...